| Шарҳи методологӣ | Методологические пояснения |
|---|---|
| Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар Ҷумҳурии **Тоҷикистон аз 1 то 15 октябри соли 2020** гузаронида шуда буд. Ҳуҷҷатҳои барӯйхатгирӣ аз тарафи ҳисобчиҳо бо роҳи саволу ҷавоб бо аҳолӣ бе талаби ягон ҳуҷҷати шахсӣ пур карда шуданд. | *Перепись населения и жилищного фонда в Республике Таджикистан была* ***проведена с 1 по 15 октября 2020 года.*** *Переписные документы заполнялись счетчиками путем опроса населения без требования документов.* |
| Дар рафти гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020, мутобиқи тавсияҳои байналхалқӣ, мафҳуми «хонавода» ҳамчун воҳиди тадқиқот ба инобат гирифта шудааст. | *При проведении переписи населения и жилищного фонда 2020 года, в соответствии с международными рекомендациями, как единица наблюдения была учтена категория “домохозяйство”.* |
| Хонаводаҳо тақсим мешаванд ба хонаводаҳои шахсӣ (хусусӣ), хонаводаҳои коллективӣ ва инчунин бехонаҳо. | *Домохозяйства подразделяются на частные домохозяйства, коллективные домохозяйства, а также бездомные.* |
| **Хонаводаҳои шахсӣ (хусусӣ)** – ин гурӯҳи шахсон ё як шахсе мебошад, ки дар бинои зист (дар манзилҳои истиқоматӣ, хонаҳои шахсӣ, хобгоҳҳо, дигар биноҳои зист) ва биноҳои ғайриистиқоматӣ, ки барои зиндагӣ кардан мувофиқ кунонида шудаанд, истиқомат мекунанд, танҳо ё дар якҷоягӣ худро бо маҳсулоти хӯрока ва дигар воситаҳои зарурии зиндагӣ таъмин мекунанд хоҷагии умумиро пеш мебаранд ва воситаҳои пулии худро пурра ё қисман якҷоя харҷ мекунанд. | ***Частные домохозяйства*** *– это группа лиц или одно лицо, проживающие в жилых помещениях (квартирах, индивидуальных домах, общежитиях, других жилых помещениях) и нежилых помещениях, приспособленных для жилья одно лицо или совокупность лиц, проживающих в одном жилом помещении или его части, обеспечивающее или совместно обеспечивающие себя продуктами питания и другими необходимыми средствами к существованию и полностью или частично объединяя и расходуя свои средства.* |
| **Хонаводаҳои коллективӣ** – ин гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ва тиббӣ, дар казармаҳо, ҷойҳои аз озодӣ маҳрум, ташкилотҳои динӣ (монастирҳо, масҷидҳо ва ғайра) зиндагӣ мекунанд. | ***Коллективные домохозяйства*** *– это группы лиц, постоянно проживающие в учреждениях социального и медицинского обслуживания, в казармах, местах лишения свободы, религиозных организациях (монастырях, мечетях и т. п.).* |
| **Бехонаҳо** – ин гурӯҳи шахсон ё як шахси бе ҷойи зисти муайян (бе манзили зист) мебошанд. | ***Бездомные*** *– это группа лиц или одно лицо без определенного места жительства (не имеющие жилья).* |
| Категорияи хонавода назар ба категорияи оила калон мебошад. Фарқияти байни хонавода ва оила бо хусусиятҳои зерин шарҳ дода мешавад: | *Категория домохозяйства шире категории семьи. Различия между домохозяйством и семьей заключаются в следующем:* |
| - хонавода метавонад аз як нафар иборат бошад, вале оила бояд ақаллан ду нафарро дарбар гирад; | *- домохозяйство может состоять из одного лица, а семья должна состоять, по меньшей мере, из двух лиц;* |